**Такриз**

**ба кори диссертатсионии Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович дар мавзуи "Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович ҳамчун омӯзгори мактаби амнияти Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ машғул аст. Дар давраи фаъолияти омӯзгорӣ ва унвонҷӯйӣ номбурда маводи асосиро оид ба идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон" ҷамъоварӣ ва танзим намудааст. Натиҷаи таҳқиқот ва ҷустуҷӯҳои ӯ дар мақолаҳои илмӣ оид ба идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои вобаста ба он нашр гардидаанд.

Кори диссертатсионии Ҳакимов Ҷ.А. "Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба муайян намудани моҳияти радикалии идеологияи ҳаракати "Толибон" дар заминаи тағйироти сиёсиву иҷтимоӣ дар Афғонистон ва динамикаи инкишофи ин падида ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи сиёсӣ ва иҷтимоиву фалсафӣ нигаронида шудааст.

Чи тавре, ки диссертант иброз медорад, таҳқиқи мавзуи мазкур барои кишвари мо ниҳоят мубрам буда, имкон медиҳад, ки сатҳи таъсири идеологияи сиёсию динии ҳаракати "Толибон" - толибизм ба Тоҷикистон муайян карда шуда, моҳияти радикалии девбандия ҳамчун сарчашма ва асоси ғоявии ин ҳаракат ва ҳамбастагии идеологии он бо ҳаракатҳои дигари террористию экстремистӣ мушаххас гардад ва тавассути ин навъҳои гуногуни таҳдидҳо аз ҷониби идеологияи сиёсӣ-

динии ин ва дигар ҷунбишҳои ҳамсон муайян ва тадбирҳои пешгирикунанда дар нисбати онҳо андешида шаванд.

Навгонии илмии диссертатсияи Ҳакимов Ҷ.А. "Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар он аст, ки аввалин маротиба идеологияи сиёсӣ-динии ҳаракати «Толибон» - "толибизм" дар шакли таҳқиқоти алоҳида мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, нақши ҷараёни девбандия дар ташаккули идеологияи он ба таври густурда нишон дода шудааст. Ҳамзамон, хусусиятҳои ташаккули идеологияи сиёсӣ ва динӣ-радикалии ҳаракати «Толибон» дар се марҳалаи рушди таърихии он бо аксари ҷузъиёти он равшан карда шуда, сохтор ва моҳияти ин идеология ҳамчун падидаи радикалӣ, экстремистию террористӣ ва пайрави исломи сиёсӣ муайяну мушаххас карда шудааст. Муаллиф кӯшидааст, ки бо тарзи нав таъсири мутақобилаи идеологияи динию сиёсии ҳаракати «Толибон» ба ҳаракатҳои дигари экстремистию террористиро нишон дода, таъсири оқибатҳои номатлуби назариявию амалии идеологияи онро ба таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди тағйирпазирии масъалаҳои амниятӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ дар соҳаҳои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва яроқу аслиҳа, муҳоҷирати иҷборӣ, дар соҳаҳои муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва қавмию-этникӣ ва фарҳангӣ муайян созад ва роҳҳои имконпазири мубориза ва муқовимат ба онҳоро маълум намояд.

Вобаста ба навгониҳои дар боло зикршуда муаллифи диссертатсия ба ҳимоя масъалаҳоеро пешниҳод намудааст, ки моҳияти идеологияи ҳаракати мазкурро равшан месозанд: девбандия ба унвони як шохае аз мазҳаби суннии ҳанафӣ дониста мешавад, вале ҳаракати «Толибон» ақидаҳои ин мактабро дар идеологияи сиёсию динии худ дар шакли радикалии онҳо қабул намудааст, ки сабабгори асосии деструктивӣ гаштани ин ҳаракат мебошад; дар се марҳилаи идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон» шариати исломӣ, таълимоти радикалии

девбандия бо урфу одатҳои маҳаллии паштунҳо ва эътиқоди онҳо омезиш ёфта, он аз синтези девбандияи радикалӣ, паштунвалии қавмгаро, инчунин ҳадафҳои ташкилоти террористии «ал-Қоида» иборат буд ва баъдан он танҳо бо идеяҳои ҷангҷӯёна такмил ёфтааст; сохтори идеологияи сиёсию динии ҳаракат дар баробари унсурҳои динию сиёсӣ, унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-таърихиро низ фаро мегирад, ки комилан хусусияти консервативӣ-иртиҷоӣ доранд; сабаби асосии хусусияти радикалӣ ва иртиҷоӣ доштани идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон» аз он иборат аст, ки ин ҷунбиш дар тамоми давраи мавҷудияти худ танҳо бо ҳаракатҳои дигари террористию экстремистӣ ҳамкорӣ намудааст; содироти идеяҳои толибизм, хусусан, исломи сиёсӣ ва амалҳои экстремистию террористии намояндагони ин ҳаракат мустақиман ё тавассути истифода аз дигар ҳаракатҳо яке аз оқибатҳои асосии назариявию амалии идеологияи толибизм барои таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва ғайра.

Ин ва дигар хулосаву тавсияҳои дар диссертатсияи Ҳакимов Ҷ.А. дарҷшуда аҳаммияти назариявию амалӣ дошта, метавонанд барои мукаммал сохтани маводи назариявӣ оид ба идеологияи сиёсию динӣ дар маҷмуъ ва идеологияи радикалии ҳаракати “Толибон” дар алоҳидагӣ мусоидат кунанд ва дар раванди банақшагирӣ ва роҳандозии сиёсати ҷумҳурӣ дар робита бо ҳаракати «Толибон» дар Афғонистон, таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои давлатии сиёсати хориҷӣ дар ин мавзуъ мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсияи Ҳакимов Ҷ.А. аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда шуда ва дараҷаи омӯзиши мавзуи интихобшуда таҳлилу баррасӣ гардида, робитаи таҳқиқот бо мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Инчунин, дар он объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, амалӣ ва методологии таҳқиқот,

пойгоҳ ва навгонии илмии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва ҳаҷми он нишон дода шудаанд.

Дар боби аввали диссертатсия – "Заминаҳои назариявӣ ва таърихии идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» - масъалаҳои накши ҷараёни девбандия дар ташаккули идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон», хусусиятҳои идеологияи ин ҳаркат дар се марҳалаи ташаккули он дар солҳои 1994-1996, 1996-2001 ва 2001-2021 таҳқиқ гардидаанд.

Дар боби дуюми таҳқиқот - "Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва оқибатҳои номатлуби назариявию амалии он дар раванди тағйирпазирии масъалаҳои амниятӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ" - сохтор ва идеологияи сиёсӣ-радикалии ин ҳаракат, муносибати идеологияи динию сиёсии ҳаракати «Толибон» ба ҳаракатҳои дигари экстремистию террористӣ ва таъсири назариявию амалии идеологияи ин ҳаракат ба таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Дар заминаи омӯзиш, таҳлили ҳамаҷониба ва баррасии омилу сабабҳо ва таърихи пайдоиши толибизм ҳамчун идеологияи сиёсӣ-динӣ ва оқибатҳои назариявию амалии он барои таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар диссертасия натиҷаҳои асосии илмии он ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамади дар давраи фаъолияти касбӣ дар Афғонистон ба дастомада истифода карда, аз усулҳои таҳқиқотии мушоҳидаи бевосита корбарӣ намудааст ва мутахассиси ҳирфавии ҳамин самт ҳисобида шуда, натиҷаҳои таҳқиқотро бо дарназардошти таҷрибаи ғании корӣ таҳлил ва ҷамъбаст намудааст. Аз ҷониби ӯ маводи зиёди ватаниву хориҷӣ истифода шуда, вобаста ба

мавзуъ 4 мақолаи илмиаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА чоп гардидааст. Инчунин дар конференсияҳои ҷумҳуриявию донишгоҳӣ иштирок намуда, маърузаҳои илмӣ намудааст.

Аз ин рӯ, таҳқиоти диссертатсионии унвонҷӯйро метавон фарогири навгониҳои назарраси илмӣ, таҳқиқоти анҷомёфта ва дар маҷмуъ, ба натиҷаҳо ва хулосаҳои зарурӣ муваффақшуда маънидод намуд.

Матни диссертатсия ба таври мантиқӣ баён гардидааст ва маводи таҳқиқоти илмӣ ба таври амиқ таҳлил карда шудаанд. Ҳамаи таҳлилҳо хулосагирӣ шуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои муътамад пешниҳод гардидаанд, ки дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ ба нашр расидаанд, мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

Муаллиф аз худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилро нишон дода, қобилияти зарурӣ барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ зоҳир намудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳакимов Ҷ.А. “Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ, Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияи ҳимояшуда” (30 июни соли 2021, №267) нишон дода шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва мазмуну муҳтавои он ба ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) мувофиқ мебошад.

Дар асоси қайдҳои дар боло зикршуда чунин меҳисобем, ки муаллифи кори диссертатсионӣ таҳти унвони “Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” – Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии

муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) сазовор дониста шавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор,**
**муовини директори институти Институти фалсафа,**
**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ ба номи**
**А.Баҳоваддинов** **Зиёӣ Х.М.**

**Суроға:** ш Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Mail:** kziyoev@yandex.ru

**Имзои Зиёӣ Х.М. – ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ**
**ва ҳуқуқи АМИТ** **Б. Абдураҳмонзода**

26.11.2024